**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ «МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ПИРЯХҲОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН»**

**Мувофиқа карда шуд**
**Президенти АМИТ**
**академик Ф. Раҳимӣ**
**_______________________________**

**“____” _______ с. 2023**

**“Тасдиқ менамоям”**
**Директори марказ,**
**профессор А. Қаюмов**

**______________________________**

**“____” ____________ с. 2023**

# НАҚША - ЧОРАБИНИҲО

## ВОБАСТА БА ИҶРОИ «БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2030» (МАРҲАЛАИ АВВАЛ СОЛҲОИ 2023 - 2026, МАРҲАЛАИ ДУЮМ СОЛҲОИ 2027- 2030)

**Душанбе 2023**

**Нақша- чорабиниҳо вобаста ба иҷрои «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряххҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030», (марҳалаи аввал солҳои 2023 - 2026, марҳалаи дуюм солҳои 2027- 2030)**

**Ҳуҷҷати мазкур тибқи суратҷаласаи № 16/10 75 аз санаи 14.03.2022 – и ҷаласаи назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа омода шудааст. Азбаски «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряххҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидааст, аз ин рӯ Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мувазззаф гардонида шуд, ки барномаи мазкурро такмил дода, онро ба ду марҳалаи иҷроиш тақсим намояд, яъне марҳалаи аввал (солҳои 2023-2026) ва марҳалаи дуюм (солҳои 2027-2030) ба назар гирифта шудааст.**

***Эзоҳ: Мураттибони барнома ҳангоми таҳрири навбатӣ ба хулосае омаданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ташаббускор оид ба эълон кардани “Соли 2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряххҳо” мебошад ва аз ин лиҳоз барнома бояд пӯшида набошад ва дар сурати зарурияти иловатан иҷро кардани чорабиниҳо ва пайдо***

***шудани иҷрокунандагон ба барнома илова карда мешаванд. Дар як сол як маротиба иҷроиш ва фарогирии барномаро таҳлил карда шуда ҳамзамон метавонад, ки он аз нав таҳрир шавад.***

**Дар Шурои олимони Муассисаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряххои АМИТ" мувофиқи суратҷаласаи № 3 аз санаи 29 – уми марти соли 2023 муҳокима ва тасдиқ карда шуд.**

**Мундарича**

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ........................................................................................ 6

МАРҲАЛАИ АВВАЛ СОЛҲОИ 2023 - 2026........................................................ 7

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023”.......................................... 8

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024”.......................................... 11

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025”.......................................... 15

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2026 “........................................ 18

МАРҲАЛАИ ДУЮМ СОЛҲОИ 2027- 2030 ...................................................... 22

ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2027” . 23

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2028”......................................... 26

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2029”.......................................... 29

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2030”......................................... 32

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| **МДИ МОП АМИТ** | **-Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»** |
| **СИГ (ГИС)** | **-Системаи иттилоотии географӣ (Географическая информационная система)** |
| **ФГЭ (ГЭФ)** | **-Фонди глобалии экологӣ (Глобальный экологический фонд)** |
| **ХҶМП (ВСМЛ)** | **-Хадамоти ҷаҳонии мониторинги пиряхҳо (Всемирная служба мониторинга ледников)** |
| **АШОРҲ (ШАРС)** | **-Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (Швейцарское агентство развития и сотрудничества)** |
| **ДШОҲТ (ШОСТ)** | **- Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон (Швейцарский офис по сотрудничеству в Таджикистане)** |
| **ИТИБТ (ИИСЛ)** | **-Институти таҳқиқоти илмии барфу тарма (Институт исследования снега и лавин)** |
| **ДФ (УФ)** | **- Донишгоҳи Фрибург (Университет Фрибурга)** |
| **ҶҲБ (ОМС)** | **-Ҷамъияти ҳамкории байналмилалӣ (Общество международного сотрудничества)** |

# МАРҲАЛАИ АВВАЛ СОЛҲОИ 2023 - 2026

## НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023”

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Маъсул |
|---|---|---|---|
| 1. | **Ташкил намудани мактабҳои тобистонаи омӯзишӣ бо шарикони рушди устувор.** | **Мувофиқи барномаи мактаби тобистона гузаронидани чорабиниҳо аз ҷумла, курсҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор ва ҳаракат дар пиряхҳо.** | **МДИ<br>МОП<br>АМИТ<br>ФГЭ<br>(ГЭФ)<br>ХҶМП<br>(ВСМЛ)<br>АШОРҲ<br>(ШАРС)<br>ДШОҲТ<br>(ШОСТ)<br>ИТИБТ<br>(ИИСЛ)<br>ДФ (УФ)<br>ҶҲБ<br>(ОМС)** |
| 2. | **Гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ- таҳқиқотӣ барои муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряхҳо дар ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Дар натиҷаи гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ - таҳқиқотии қабати барф, захираи барф ва дигар маълумот муайян карда мешавад.** | |
| 3. | **Дар асоси технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС - технология муайян намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Бо ёрии системаи геоиттилоотӣ дақиқ муайян намудани масоҳат, нуқтаҳои ҷойгиршавии пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | |
| 4. | **Муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки дараҷаи таъсири тағйирёбии иқлим ба яхшавии минтақаи ҷойгиршавии пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко муайян карда, тағйироти ҳолати онҳо дар оянда баҳо дода шавад.** | |
| 5. | **Бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ таҳлил ва назорати динамикаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Таҳқиқоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки динамикаи пирях, кӯлҳои пиряхӣ ва селҳои пиряхиро назорат, таҳлил мушоҳидаҳои доимӣ намуда ва инчунин барои пешгӯйӣ аз кам кардани хавфи селҳои пиряхӣ дар минтақаҳои сераҳолӣ.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. | **Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряххҳои ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Ҳангоми ҷорӣ намудани моделҳои муосир мо метавонем ҳолати ҳозираи пиряххо, обшавии пирях дар минтақаи аблятсионӣ ҷамъшавии барф дар минтақаи аккумулятсионӣ ва дигар маълумоти метеорологиро назорат намоем.** | |
| 7. | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряххҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Дар натиҷаи истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин мо метавонем ба таври дақиқ параметрҳои пиряххо, ки пеш аз ҳама шаклу андоза, инчунин тағйироти ҳаҷми яххои таркибии онро муайян намуда ҳамзамон, истифодаи маводи таҳқиқот дар рафти корҳои гуногуни глятсиологиро ба роҳ монем.** | |
| 8. | **Ташкили базаи маълумот оид ба пиряххо дар ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Ташкили базаи маълумоти сохташуда оид ба пиряххо имкон медиҳад, ки динамикаи шаклҳои нивалӣ-глятсиалӣ мувофиқи координатҳо ва конфигуратсияи сарҳадӣ, маълумотро дар лоиҳаҳои системаи геоиттилоотӣ ва порталҳои системаи геоиттилоотӣ нишон диҳем. Ҳангоми базаи маълумотро пурра намудан, имконияти ба базаҳои байналмиллалӣ ворид шуданро низ дорем.** | |
| 9. | **Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати пиряххо дар асоси таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ барои ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко.** | **Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати ҳозираи пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченкоро бо якчанд усул ба роҳ мондан мумкин аст, аз ҷумла бо ёрии таҳқиқотҳои саҳроӣ, фосилавӣ ва истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин.** | |
| 10. | **Ба роҳ мондани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххҳои Ҷумҳурии** | **Дар натиҷаи экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххҳои ҳавзаҳои** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Тоҷикистон.** | **дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко Феҳристи пиряххои ин ҳавзаҳо, реҷаи гидрологии дарёҳо ва дигар параметрҳо муайян карда мешаванд.** | |
| 11. | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионию саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Ғарбӣ (дар мувофиқа бо мақомоти босалоҳият).** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионию саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Ғарбӣ захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешаванд.** | |
| 12. | **Таҳия ва нашри Феҳристи (Каталог) – и пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳавзаҳои дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко).** | **Кор карда баромадани усулҳои истифодаи зондиронии фосилавӣ ҷиҳати гузаронидани мониторинги пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар асоси технологияҳои ГИС мониторинги доимии пиряхҳо ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳрист таҷдид карда шавад.** | |
| 13. | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Баргузории чорабиниҳои илмӣ оид ба арзёбии ҳарорати ҳаво ва пайомадҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон ва пиряхи Федченко, бо мақсади беҳтарсозии сатҳи маълумотнокӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо.** | |
| 14. | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба иҷроиши бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод мешаванд.** | |
| 15. | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экс-педитсионию саҳроӣ дар ҳавзаҳои пиряхҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионию саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **МДИ “Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ”,** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **Агентии обуҳавошино-сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа)** |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ "БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024"**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳои марҳалаи аввал | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряххо дар ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу дар асоси гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ- таҳқиқотӣ.** | **Тавассути гузаронидани корҳои таҳқиқоти саҳроӣ, фосилавӣ ва истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин қабати барф ва сарҳади пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу муайян карда шуда, дар шакли ҳисобот, муаррифӣ ва мақола пешниҳод мегарданд.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС)** |
| **2.** | **Муайян намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ба воситаи технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавии ГИС – технология.** | **Дар асоси технологияҳои ГИС мониторинги доимии пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳрист таҷдид карда шавад.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **3.** | **Омӯзиш ва муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати пиряхҳо гузаронида шуда ва инчунин таҳлили муқоисавии динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии пиряхҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ба даст оварда мешавад.** | **ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶҲБ (ОМС)** |
| **4.** | **Гузаронидани таҳлил ва назорати динамикаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ.** | **Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои наздикӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |
| **5.** | **Дар самти гузаронидани мониторинги пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ҷорӣ намудани моделҳои муосир.** | **Кор карда баромадани усулҳои истифодаи зондиронии фосилавӣ ва моделҳои муосир ҷиҳати гузаронидани мониторинги пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу.** | |
| **6.** | **Барои аниқ муайян намудани ҳолати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу бо истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин.** | **Ҳолати воқеии пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ва захираҳои об ҳамчун объектҳои стратегии кишвар баҳогузорӣ карда мешавад.** | |
| **7.** | **Дар бораи пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ташкил намудани базаи маълумот.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигаҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб Муксу ва истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |
| **8.** | **Дар асоси гузаронидани таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ гуза ронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳола ти пиряхҳо барои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу.** | **Дар асоси маълумоти ба даст омада баҳодиҳии нав ба ҳолати пиряхҳои босуръат ҳаракаткунанда (пульсирующие ледники) ҳавзаи дарёҳои Сурхоб, Обихингоб Муксу муайян ва муқаррар карда мешавад.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **9.** | **Ташкил намудани экспедитсияҳои байнал милалӣ бо шарикони рушд дар пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу.** | |
| **10.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бораи пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу, арзёбии хатарҳо ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ.** | |
| **11.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар ҳавзаи дарёҳои Помири Ғарбӣ (дар мувофиқа бо мақомоти босалоҳият).** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионию саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Ғарбӣ захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешавад.** | |
| **12.** | **Таҳия ва нашри Феҳристи (Каталог) – и пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу).** | **Дар асоси технологияҳои ГИС мониторинги доимии пиряхҳои пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳристи ин пиряхҳо таҷдид карда шавад.** | |
| **13.** | **Ташкил намудани мактабҳои тобистонаи омӯзишӣ дар пиряхҳо бо шарикони рушди устувор.** | **Мувофиқи барномаи мактаби тобистона гузаронидани чорабиниҳо аз ҷумла, курсҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор ва ҳаракат дар пиряхҳо.** | |
| **14.** | **Ҳисоб намудани тавозуни массаи пиряхҳо, яхбандии доимӣ.** | **Арзёбии пиряхҳои омӯхташуда муайян карда мешавад ва тавозуни онҳо ба вазни пиряхҳо аз** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **нигоҳи таърихӣ, мутобиқи иттилоот тавассути ҳамгироӣ ба даст омада, вазъи ҳозираи онҳо муайян карда мешавад.** | |
| **15.** | **Омӯзиши адабиёт ва ҷустуҷӯйи мазуъҳои лоиҳаи буҷетӣ оид ба омӯзиши пиряххо.** | **Ҷустуҷӯйи мавзуъҳо оид ба масъалаи омӯзиш ва ҳифзи пиряххо.** | |
| **16.** | **Таҳқиқоти геодезии пиряххо.** | **Ҳангоми таҳқиқоти геодезии пиряххо маълумоти навро дар бораи пиряххо, ки дар навбати худ нишондиҳандаи тағйироти шароити иқлимии сайёра мебошад ба даст овардан мумкин аст.** | |
| **17.** | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба иҷрои бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод карда мешаванд.** | |
| **18.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ- саҳроӣ дар ҳавзаҳои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда, сатҳи обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **МДИ Маркази омӯзиши пиряххои АМИТ, Агентии обуҳавошино- сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисто н (дар** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **мувофиқа)** |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025”**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳои марҳалаи аввал | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Бо мақсади муайян намудан қабати барф ва сарҳади пиряхҳо гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Дар натиҷаи гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ- таҳқиқотӣ дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ, Ванҷ ва таҳлили маълумоти ба даст омада, таносуби маҷрои пиряхҳо дар дарёҳои ин ҳавза бо назардошти тағйирёбии иқлим пешгӯйӣ карда мешавад.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶҲБ (ОМС)** |
| **2.** | **Бо ёрии технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС - технология аниқ намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Дар асоси технологияҳои геоиттилоотӣ шумора ва масоҳати имрӯзаи пиряхҳо дақиқ карда шуда, саҳми онҳо дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ муайян мегардад.** | |
| **3.** | **Бо мақсади муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ , Ванҷ дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ (ГИС - технология).** | **Дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ тавозуни хаҷм ва равандҳои таназзули пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ дар шароити тағйирёбии иқлим муайян ва омӯхта мешаванд.** | |
| **4.** | **Гузаронидани таҳлил ва назорати динамикаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ.** | **Мутобиқи маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои наздикӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Вобастагии боришоти ҳарорат аз динамикаи тағйирёбии пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ муайян карда мешавад.** | |
| **5.** | **Татбиқ намудани моделҳои нави муосир дар самти мониторинги пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Ҳангоми ҷорӣ намудани моделҳои муосир мо метавонем ҳолати ҳозираи пиряххо, обшавии пирях дар минтақаи аблятсионӣ, ҷамъшавии барф дар минтақаи аккумулятсионӣ ва дигар маълумоти метеорологиро назорат намоем.** | |
| **6.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Баргузории чорабиниҳои илмӣ оид ба арзёбии ҳарорати ҳаво ва пайомадҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ бо мақсади беҳтарсозии маълумотнокӣ оид ба пиряххо.** | |
| **7.** | **Бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Роҳҳои нави омӯзиши пиряххо бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин ба мо имкон медиҳад, ки ҳаракат ва дигар параметрҳои пиряххоро ба таври дақиқ муайян намоем.** | |
| **8.** | **Таъсиси махзани маълумот оид ба пиряххо дар ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигаҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |
| **9.** | **Бо ёрии таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳолати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | **Таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии ҳолати пиряххои ҳавзаи дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ гузаронида хоҳад шуд ва инчунин таҳлили динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии ин пиряххо ба даст оварда мешавад.** | |
| **10.** | **Гузаронидани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряхҳои Ҷумҳурии** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Тоҷикистон.** | **маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ.** | |
| **11.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Шарқӣ.** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Шарқӣ захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешавад.** | |
| **12.** | **Таҳия ва нашри Феҳристи (Каталог) – и пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ).** | **Дар асоси технологияҳои ГИС мониторинги доимии пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳристи ин пиряхҳо таҷдид карда шавад.** | |
| **13.** | **Омӯзиши пиряхҳои сангин (каменные глетчеры).** | **Таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои сангинро (каменные глетчеры) омӯхта, таҳқиқот ҷиҳати таназзули онҳо гузаронида мешавад.** | |
| **14.** | **Омӯзиши термодинамикаи пиряхҳо.** | **Равандҳо ва хосиятҳои термодинамикӣ ва гармофизикии пиряхҳо омӯхта мешаванд.** | |
| **15.** | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба масъалаи иҷроиши бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод мешаванд.** | |
| **16.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳавзаҳои пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ- саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда, сатҳи обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ низ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **МДИ Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ, Агентии** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **обуҳавоши но-сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисто н (дар мувофиқа)** |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2026 “**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ- таҳқи қотӣ барои муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳадии пиряхҳо дар ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Дар натиҷаи гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб ва таҳлили маълумоти ба даст омада, таносуби маҷрои пиряхҳо дар дарёҳои ин ҳавза бо назардошти тағйирёбии иқлим пешгӯйӣ карда мешавад.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ** |
| **2.** | **Истифодаи технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС – технология барои муайян намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои ҳавзаи дарёи Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Дар асоси технологияҳои геоиттилоотӣ шумора ва масоҳати имрӯзаи пиряхҳо дақиқ карда шуда, саҳми онҳо дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | |
| **3.** | **Муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои ҳавзаи дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб** | **Дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ тавозуни ҳаҷм ва равандҳои** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **таназзули пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб дар шароити тағйирёбии иқлим муайян ва омӯхта мешаванд.** | **(ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶХБ (ОМС)** |
| **4.** | **Бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фоси лавӣ таҳлил ва назорати динамикаи пиряххо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои наздикӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |
| **5.** | **Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряххҳои ҳавзаи дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Коркарди усулҳои истифодаи зондиронии фосилавӣ ва моделҳои муосир ҷиҳати гузаронидани мониторинги пиряххҳои ҳавзаи дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | |
| **6.** | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Усули нави омӯзиши пиряххо бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин ба мо имкон медиҳад, ки ҳаракат ва дигар параметрҳои пиряххҳоро дақиқ муайян намоем.** | |
| **7.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Баргузории чорабиниҳои илмӣ оид ба арзёбии ҳарорати ҳаво ва пайомадҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб бо мақсади беҳтарсозии сатҳи маълумотнокӣ оид ба пиряххо.** | |
| **8.** | **Ташкили базаи маълумот оид ба пиряххо дар ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигаҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **9.** | **Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳолати пиряххо дар асоси таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ барои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | **Таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии ҳолати ба пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб гузаронида хоҳад шуд ва инчунин таҳлили динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии ин пиряххо ба даст оварда мешавад.** | |
| **10.** | **Ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои ҳавзаи дарёҳои Қизилсӯ, Язғулом ва Мурғоб.** | |
| **11.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Шарқӣ.** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Шарқӣ захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешаванд.** | |
| **12.** | **Моделкунонӣ ва омӯзиши кӯлҳои пиряхӣ.** | **Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои назди кӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |
| **13.** | **Таҳия ва нашри Феҳристи (Каталог) – и пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Феҳристи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 12 ҷилд ва мақолаҳои марбути ин масъала таҳия ва нашр карда мешавад.** | |
| **14.** | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод мешаванд.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **15.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳавзаҳои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда, обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **МДИ “Маркази омӯзиши пиряххои АМИТ”, Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа)** |

# МАРҲАЛАИ ДУЮМ СОЛҲОИ 2027- 2030

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2027”**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Гузаронидани экспедитсияҳои байналмилалии илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряхҳо дар ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл. | Дар натиҷаи экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёи Ғунд ва Қарокӯл ва таҳлили маълумоти ба даст омада, таносуби маҷрои пиряхҳо дар дарёҳои ин ҳавза бо назардошти тағйирёбии иқлим пешгӯйӣ карда мешавад. | МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶҲБ (ОМС) |
| 2. | Истифодаи технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС – технология ва таҷрибаи пешрафта барои муайян намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл. | Дар асоси технологияҳои геоиттилоотӣ шумора ва масоҳати имрӯзаи пиряхҳо дақиқ карда шуда, саҳми онҳо дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл муайян мегардад. | |
| 3. | Ҳисоб ва муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология). | Дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ тавозуни ҳаҷм ва равандҳои таназзули пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл дар шароити тағйирёбии иқлим муайян ва омӯхта мешаванд. | |
| 4. | Бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ таҳлил ва назорати динамикаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл. | Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноват сионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл ба роҳ монда мешавад. | |
| 5. | Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл. | Ҳангоми ҷорӣ намудани моделҳои муосир мо метавонем ҳолати ҳозираи пиряхҳо, обшавии пирях дар минтақаи аблятсионӣ, ҷамъшавии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **барф дар минтақаи аккумулятсионӣ ва дигар маълумоти метеорологиро назорат намоем.** | |
| **6.** | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл.** | **Роҳҳои нави омӯзиши пиряхҳо бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин ба мо имкон медиҳад, ки ҳаракат ва дигар параметрҳои пиряххоро муайян намоем.** | |
| **7.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Баргузории чорабиниҳои илмӣ оид ба арзёбии ҳарорати ҳаво ва пайомадҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл бо мақсади беҳтарсозии маълумотнокӣ оид ба пиряхҳо.** | |
| **8.** | **Таъсиси махзани илмӣ оид ба пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигоҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Бартанг, Панҷ ва Ванҷ истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |
| **9.** | **Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳолати пиряхҳо дар асоси таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ барои ҳавзаи дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл.** | **Таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии ҳолати пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл гузаронида хоҳад шуд ва инчунин таҳлили динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии ин пиряхҳо ба даст оварда мешавад.** | |
| **10.** | **Таҳияи методологияи пешгӯйии тарма ва сел дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ҳангоми таҳияи методологияи пешгӯйии тарма барои баланд бардоштани сифати пешгӯйӣ метавон тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои GIS, ки аллакай дар ҳисоб кардани хусусиятҳои динамикии тармафароӣ ва арзёбии хатари тармафароӣ дар релеф фаъолона истифода мешаванд, ҳамаҷиҳата мусоидат менамояд.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС)** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | **Баргузор намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл.** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои ҳавзаи дарёи Ғунд ва Қарокӯл.** | **ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ)** |
| 12. | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳрой дар ҳавзаи дарёҳои Помири Шарқӣ (дар мувофиқа бо мақомоти босало ҳият).** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳрой дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Шарқӣ захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешавад.** | |
| 13. | **Таҳия ва нашри Феҳристи (Каталог) – и пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва кӯли Қарокӯл).** | **Дар асоси технологияҳои ГИС мониторинги доимии пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ғунд ва Қарокӯл ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳристи пиряххо таҷдид карда шавад.** | |
| 14. | **Омӯзиши пиряххои набзонӣ.** | **Таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххои набзӣ омӯхта таҳқиқоти ҷиҳати таназули онҳо гузаронида мешавад.** | |
| 15. | **Пешниҳод ва қабули лоиҳаи буҷетӣ.** | **Қабули лоиҳаи буҷетӣ аз рӯйи КЭ-1 – илмҳои техникӣ (25.00.31 - глятсиология, эволютсияи пиряххои табиӣ, пиряххо, рӯйпӯшии пиряххо, тармаҳо) барои солҳои 2027-2031.** | |
| 16. | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба иҷроиши бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод мешаванд.** | |
| 17. | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳрой дар ҳавзаҳои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионию саҳрой хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда** | **ДФ (УФ)** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **мешаванд.** | |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2028”**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **.** | **Гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряххҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ба воситаи таҳқиқоти саҳроӣ, фосилавӣ ва истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин қабати барф ва сарҳади пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб, Обихингоб ва Муксу муайян карда шуда, дар шакли ҳисобот, муаррифинома ва мақола пешниҳод менамоянд.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶХБ (ОМС)** |
| **2.** | **Истифодаи технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС - технология ва коркарди суратҳои кайҳонии пиряххҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ба воситаи технологияҳои муосири тадқиқоти фосилавӣ ГИС- технология суратҳои кайҳониро коркард намуда, маълумоти дақиқ оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварем.** | |
| **3.** | **Муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряххҳои ҳавзаи дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати пиряххо гузаронида хоҳад шуд ва инчунин таҳлили муқоисавии динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии пиряххҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда мешавад.** | |
| **4.** | **Таҳлил ва арзёбии динамикаи пиряххо ва кӯлҳои пиряхӣ бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ.** | **Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои назди кӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |
| **5.** | **Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряххо.** | **Коркарди усулҳои истифодаи зондиронии фосилавӣ ва моделҳои муосир ҷиҳати мониторинги пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | |
| **6.** | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ҳолати воқеии пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои об ҳамчун объектҳои стратегии кишвар баҳогузорӣ карда мешавад.** | |
| **7.** | **Ташкили махзани маълумот оид ба пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигаҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |
| **8.** | **Мушоҳидаҳои гидрометеорологи дар назди пиряххо барои дақиқияти обшавии пиряххо ва муқоисаи маълумоти гидрометеорологӣ ва глятсиологӣ.** | **Дар натиҷаи мушоҳидаҳои гидрометеорологӣ таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо дақиқ муайян карда мешавад.** | |
| **9.** | **Таҳияи методикии пешгӯйии пиряххои ҳаракаткунанда.** | **Ҳангоми таҳияи методии пешгӯйии пиряххои ҳаракаткунанда имкон фароҳам меояд, ки мониторинг гузаронида ҳамзамон онҳоро омӯзем.** | |
| **10.** | **Ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкили экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои Ҷумҳурии** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Тоҷикистон.** | |
| **11.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳрой дар ҳавзаҳои дарёҳои Помири Ғарбӣ ва Ҳисору Олой.** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳрой дар ҳавзаҳои дарёҳои Помир ва Ҳисору-Олой захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешавад.** | |
| **12.** | **Муайян намудани қабати барф ба тариқи моҳворагӣ.** | **Ба воситаи моделҳои муосир қабати барф ва захираи он дар ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз сатҳи бахр муайян карда мешавад.** | |
| **13.** | **Таҳия ва чопи Феҳристи пиряххои набзонӣ.** | **Дар асоси технологияҳои ГИС гузаронидани мониторинги доимии пиряххои набзонӣ ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳристи пиряххои набзонӣ таҷдид карда шавад.** | |
| **14.** | **Таҳия ва чопи Феҳристи кӯлҳои пиряхӣ.** | **Бо ёрии системаи геоиттилоотӣ гузаронидани мониторинги доимии кӯлҳои пиряхӣ ба роҳ монда мешавад, ки ин имкон медиҳад ҳар 5-10 сол мунтазам Феҳристи кӯлҳои пиряхӣ таҷдид карда шавад.** | |
| **15.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Баргузории чорабиниҳои илмӣ оид ба арзёбии ҳарорати ҳаво ва пайомадҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххои бо мақсади бехтарсозии сатҳи маълумотнокӣ оид ба пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | |
| **16.** | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба иҷрои бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод карда мешаванд.** | |
| **17.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои** | **МДИ “Маркази** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **ва экспедитсионии- саҳрой дар ҳавзаҳои пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳрой хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда, обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **омӯзиши пиряхҳои АМИТ, Агентии обуҳавошино-сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа)** |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2029”**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Гузаронидани экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряхҳо.** | **Ба воситаи таҳқиқоти саҳрой, фосилавӣ қабати барф ва сарҳади пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда онро дар шакли ҳисобот, муаррифӣ ва мақола пешниҳод менамоянд.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ)** |
| **2.** | **Ташкил намудани харитаҳо оид ба муайян намудани масоҳати барфпӯш ва нуқтаҳои ҷойгиршавии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС – технология.** | **Дар асоси технологияҳои геоиттилоотӣ шумора ва масоҳати имрӯзаи пиряхҳо дақиқ карда мешавад.** | |
| **3.** | **Муайян намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар** | **Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки дараҷаи таъсири тағйирёбии иқлим ба** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **яхшавии минтақаи ҷойгиршавии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, тағйироти ҳолати онҳо дар оянда баҳо дода шавад.** | **ҶХБ (ОМС)** |
| **4.** | **Бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ таҳлил ва назорати динамикаи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Таҳқиқоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки динамикаи пирях, кӯлҳои пиряхӣ ва селҳои пиряхиро назорат, таҳлил, мушоҳидаҳои доимӣ намуда ва инчунин барои пешгӯйӣ аз кам кардани хавфи селҳои пиряхӣ дар минтақаҳои сераҳолӣ.** | |
| **5.** | **Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ҳангоми ҷорӣ намудани моделҳои муосир мо метавонем ҳолати ҳозираи пиряхҳо, обшавии пирях дар минтақаи аблятсионӣ, ҷамъшавии барф дар минтақаи аккумулятсионӣ ва дигар маълумоти метеорологиро пурра назорат намоем.** | |
| **6.** | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин мо метавонем ба таври дақиқ параметрҳои пиряхҳо, ки пеш аз ҳама шаклу андоза, инчунин тағйироти ҳаҷми яххои таркибии онро муайян намоем, инчунин истифодаи маводи таҳқиқотӣ дар корҳои гуногуни глятсиологӣ.** | |
| **7.** | **Ташкили махзани маълумот оид ба пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Ташкили базаи маълумоти сохташуда оид ба пиряхҳо имкон медихад, ки динамикаи шаклҳои нивалӣ-глятсиалӣ, мувофиқи координатҳо ва конфигуратсияи сарҳадӣ, ин маълумотро дар лоиҳаҳои системаи геоиттилоотӣ ва порталҳои системаи геоиттилоотӣ нишон диҳем.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **8.** | **Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳолати пиряххо дар асоси таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ барои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати ҳозираи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд усул ба роҳ мондан мумкин аст, аз ҷумла бо ёрии таҳқиқоти саҳроӣ, фосилавӣ ва истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин.** | |
| **9.** | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | |
| **10.** | **Тавсифи глятсиологӣ минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.** | **Таҳия ва нашри тавсифи пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** | |
| **11.** | **Ташкил ва баргузор намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бораи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии хатарҳо ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ.** | |
| **12.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои ғарби Помир ва Ҳисору –Олой (дар мувофиқа бо мақомоти босалоҳият).** | **Дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва экпедитсионии саҳроӣ дар Помири Ғарбӣ ва Ҳисору –Олой захираи барф, қабати барф ва вазъи обнокии дарёҳо муайян карда мешавад.** | |
| **13.** | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод карда мешаванд.** | |
| **14.** | **Гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсиони саҳрои дар ҳавзаҳои пиряххои Ҷумҳурии** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэровизуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда** | **МДИ “Маркази омӯзиши пиряххои** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Тоҷикистон.** | **обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **АМИТ”, Агентии обуҳавошино-сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа)** |

**НАҚША- ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ҲИФЗИ ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2030”**

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаҳои интизоршаванда | Масъул |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Корҳои экпедитсионӣ барои муайян намудани майдони қабати барф ва сарҳади пиряхҳо.** | **Дар натиҷаи экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили маълумоти ба даст омада, таносуби маҷрои пиряхҳо дар дарёҳои ин ҳавза бо назардошти тағйирёбии иқлим пешгӯйӣ карда мешавад.** | **МДИ МОП АМИТ СИГ (ГИС) ФГЭ (ГЭФ) ХҶМП (ВСМЛ) АШОРҲ (ШАРС) ДШОҲТ (ШОСТ) ИТИБТ (ИИСЛ) ДФ (УФ) ҶҲБ (ОМС)** |
| **2.** | **Истифодаи технологияҳои муосири таҳқиқоти фосилавӣ ГИС – технология ҷиҳати муайян намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва масоҳати пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар асоси технологияҳои геоиттилоотӣ шумора ва масоҳати имрӯзаи пиряхҳо дақиқ карда шуда, саҳми онҳо дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | |
| **3.** | **Муайян ва ҳисоб намудани тавозуни ҳаҷми пиряхҳо дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ ва (ГИС - технология).** | **Дар асоси технологияҳои муосири глятсиологӣ тавозуни ҳаҷм ва равандҳои таназзули пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **тағйирёбии иқлим муайян ва омӯхта мешаванд.** | |
| **4.** | **Бо истифода аз имкониятҳои таҳқиқоти фосилавӣ таҳлил ва назорати динамикаи пиряххо ва кӯлҳои пиряхии ҳавзаи шохоби рости дарёи Панҷ дар байни дарёҳои Язғулом, Бартанг ва Ғунд.** | **Дар асоси маълумоти илмии аз зондиронии фосилавӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ дастрасшуда, мониторинги эҳтимоли хатари рахнашавидоштаи кӯлҳои наздикӯҳӣ бо дарназардошти мавқеи ҳавзавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.** | |
| **5.** | **Ҷорӣ намудани моделҳои муосир дар самти мониторинги пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Кор карда баромадани усулҳои истифодаи зондиронии фосилавӣ ва моделҳои муосир ҷиҳати мониторинги пиряххои ҳавзаи дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | |
| **6.** | **Истифода бурдани ҳавопаймоҳои бесарнишин барои дақиқ муайян намудани ҳолати пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин мо метавонем ба таври дақиқ параметрҳои пиряххо, ки пеш аз ҳама шаклу андоза, инчунин тағйироти ҳаҷми яххои таркибии онро муайян намоем, инчунин истифодаи маводи таҳқиқотӣ дар корҳои гуногуни глятсиологӣ.** | |
| **7.** | **Таъсиси махзани маълумот оид ба пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Бахши иттилоотии серверӣ таъсис дода мешавад, ки барои нигоҳдорӣ ва ҳифз намудани маълумот оид ба пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи фаврии ин махзанҳо истифода бурда мешавад.** | |
| **8.** | **Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ҳолати пиряххо дар асоси таҳқиқоти фосилавӣ ва саҳроӣ барои пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии ҳолати пиряххои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида хоҳад шуд ва инчунин таҳлили динамикаи ҷамъшавӣ ва обшавии ин пиряххо ба даст оварда мешавад.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9. | **Ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалии мониторинги пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд.** | **Бо дарназардошти манфиатҳои милливу сиёсӣ, инчунин бо мақсади табодули маълумоти навини илмӣ ва истифодаи онҳо ташкил намудани экспедитсияҳои байналмилалӣ бо шарикони рушд дар пиряхҳои ҳавзаҳои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** | |
| 10. | **Таҳияи шаклҳои нави Феҳристи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Феҳристи нави пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 12 ҷилд вобаста ба стандартҳои байналмилалӣ нашр карда мешавад.** | |
| 11. | **Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ (конфронс, семинар ва тренингҳо).** | **Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ оид ба пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии хатарҳо ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ.** | |
| 12. | **Тартиб додани Феҳристи электронии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар асоси системаи геоиттилоотӣ мониторинги доимии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, Феҳристи электронӣ тартиб дода мешавад, ки ин имкон медиҳад мунтазам таҷдид карда шавад.** | |
| 13. | **Пешниҳод намудани ҳисоботи илмӣ оид ба бандҳои Нақша-чорабинии барномаи мазкур.** | **Натиҷаҳои бандҳои нақшаи мазкур дар намуди ҳисобот пешниҳод мешаванд.** | |
| 14. | **Гузаронидани мушоҳидаҳои аэро визуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳавзаҳои пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** | **Дар натиҷаи гузаронидани корҳои аэро визуалӣ ва экспедитсионӣ-саҳроӣ хати барфӣ ва баландии барф муайян карда шуда, сатҳи обнокии дарёҳои ҷумҳурӣ пешгӯйӣ карда мешаванд.** | **МДИ "Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ", Агентии обуҳавошино-** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **сии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа)** |